*ТДУ 338*

***АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «СУҒД»***

***Бобоева Шаҳло Ғаниевна**, муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СВОБОДНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЗОНЫ «СУГД»***

***Бобоева Шахло Ганиевна**, старший преподаватель кафедры высшей математики и инновационных технологий Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде (Таджикистан, Хуҷанд)*

***INSTITUTIONAL FOUNDATIONS OF FORMATION AND DEVELOPMENT ACTIVITIES OF THE FREE ECONOMIC ZONE "SUGHD"***

***Boboeva Shahlo Ganievna**, Senior Lecturer of the Department of Higher Mathematics and Innovative Technologies, Institute of Economy and Trade of Tajik State University of commerce, Khujand (Tajikistan,Khujand),*
***E-mail:** boboeva_90@inbox.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ), барномаи давлатӣ, асосҳои институтсионалӣ, рушд*

*Дар мақола масъалаҳои вобаста ба рушди иқтисодиёт, муаммоҳои ташаккул ва амалкарди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Аҳамияти МОИ дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он асоснок карда шудааст. Дар бораи МОИ «Данғара», МОИ «Панҷ», МОИ «Ишкошим» ва МОИ «Суғд» маълумоти дахлдор оварда шудааст. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст. Масъалаи андозбандии минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ва расмиёти зарурӣ барои субъекти минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳлил карда шудааст. Ташкили низоми имтиёзии маъмурию ҳуқуқӣ барои фаъолияти МОИ пешниҳод гардидааст.*

***Ключевые слова:** свободное экономическая зона (СЭЗ), государственная программа, институциональные основы, развитие*

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с развитием экономики, проблемы создания и функционирования свободных экономических зон в Республике Таджикистан. Обоснована важность СЭЗ в обеспечении развития национальной экономики и ее регионов. Приведены соответствующие сведения о СЭЗ «Дангара», СЭЗ «Пяндж», СЭЗ «Ишкошим» и СЭЗ «Согд». Изучены нормативно-правовые акты, регулирующие деятельность СЭЗ в Республике Таджикистан. Проанализированы вопросы налогообложения свободных экономических зон страны и необходимые процедуры для субъекта свободной экономической зоны. Предлается организация системы административно-правовых льгот для деятельности СЭЗ.*

***Key words:** free economic zone (FEZ), state program, institutional framework, development*

*The article deals with issues related to the development of the economy, the problems of creation and functioning of free economic zones in the Republic of Tajikistan. The importance of FEZ in ensuring the development of the national economy and its regions is substantiated. The relevant information about the FEZ «Dangara», FEZ «Panj», FEZ «Ishkoshim » and FEZ «Sogd» is provided. The normative legal acts regulating the activities of FEZ in the Republic of Tajikistan have been studied. The issues of taxation of the country's free economic zones and the necessary procedures for the subject of the free economic zone are analyzed. It is proposed to organize a system of administrative and legal benefits for the activities of the FEZ.*

Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти ҷаҳонӣ масъалаи ташаккул ва ба истифода додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди таҳлили олимону иқтисодшиносон қарор гирифтааст. Зеро ташаккули минтақаҳои махсус ва густариши фаъолияти онҳо дар ҷанбаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, алалхусус, самтҳои содиротӣ, маблағгузорӣ, илмию техникӣ, минтақавӣ ва иҷтимоӣ таъсири мусбати худро мерасонад. Амалкарди МОИ дар ҳудуди минтақа метавонад ба фаъолгардонии фаъолияти истеҳсолӣ, аз ҷумла барои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, баланд бардоштани сифати маҳсулот, рушди истеҳсоли маҳсулоти мураккаби баландтехнологӣ мусоидат намояд. Дар натиҷа барои афзоиши сатҳи музди меҳнат,

рушди иқтидори содиротии минтақа, инчунин барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии он замина фароҳам оварда мешавад.

Азбаски масъалаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва такомули институтсионалии он муҳим арзёбӣ меегардад, асосҳои ташаккул ва рушди инфрасохторҳои инноватсиониву институтсионалии он мавқеи хосаро касб кардааст.

Бояд зикр намуд, ки ҷанбаҳои назариявии асоси ниҳодҳои минтақаҳои озод ва махсусро аксар олимон мавриди назари худ қарор додаанд. Пеш аз он, ки асоси институтсионалии фаъолияти минтақаҳои озодро омӯзем, бояд назарияи ниҳодҳоро дарк намоем. Масалан, Д. Норт институтҳоро «ҳамчун як шарти бозӣ, созмонҳоро бозингароне, ки аз якчанд гуруҳ иборатанд» [1,с.36-39] баён кардааст. Ин гуна таърифҳои олимону мутахассисони соҳа хеле зиёданд. Умуман, ниҳодҳои асосии таъсиррасон ба фаъолият ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ асосан аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузории мамлакат иборат мебошад.

Маврид ба ёдоварист, ки таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз самтҳои таъмини рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад. Дар робита ба ин, дар ҷумҳурӣ заминаи ҳуқуқии ташкил ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳия карда шудааст. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтори ташкилию иқтисодие мебошанд, ки ҳоло дар ҷаҳон густариш ёфта, дар кишварҳои дунё, новобаста аз иқтидори иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо бунёд гардидаанд ва бо ин васила барои ҳамгироии давлатҳо ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, ба рушди низоми равобити ҷаҳонӣ боис мегарданд. Ба ақидаи мо, минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун қаламраве маънидод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ, ҷорӣ намудани реҷаи воридотии бегумрук ва фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Тибқи Конвенсияи Киото «минтақаи озод қисми қаламрави кишварро мефаҳмонад, ки дар он молҳо чун воқеъ берун аз қаламрави гумрукии миллӣ ҳисобида шуда, назоратбарии маъмули гумрукӣ гузаронида намешавад» [2, с. 49].

Дар доираи мақолаи мазкур танҳо дар бобати минтақаҳои махсуси иқтисодӣ таваққуф менамоем. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин таърифи минтақаҳо қабул шудааст: «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ - қисми алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он на фақат низоми махсуси гумрукию андозӣ, балки тартиби соддакардашудаи рафтуомади ғайрирезидентҳо ва меъёрҳои имтиёзноки истифодаи захираҳои табиӣ амал мекунад»[3]. Дуруст аст, ки дар қонуни мазкур ба низоми махсуси гумрукию андозӣ ишора мешавад, зеро маҳз низоми махсус, яъне низоме, ки дар он имтиёзҳои махсус пешбарӣ мешаванд, сармоягузорону соҳибкорони ватанию хориҷиро ба худ бештар ҷалб мекунад.

Чи тавре ки маълум аст, самти рушди иқтисодии Тоҷикистон ба модели иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ муайян шудааст, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, захираҳои минералӣ ва қувваю иқтидори бузурги саноатӣ дорад. Бо чунин иқтидор барои бозори истеъмолии давлатҳои ҳамсоя, ба монанди Русия, Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон боз ҷаззобтар мегардад.

Бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути тараққиёти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалб намудани ҳарчӣ бештари сармояи хориҷӣ дар мамлакат 4 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст:

1. МОИ «Данғара» [4] - яке аз минтақаҳои иқтисодии пешрафтаи ҷумҳурӣ буда, ҳудуди 521,03 гектарро ташкил медиҳад. Дар минтақа корхонаҳои истеҳсол ва коркарди нафти чинӣ, корхонаҳои истеҳсоли конструксияҳои металлӣ, ки иқтидорашон то як миллион тонна металл мебошад, ширкатҳои истеҳсолкунандаи қубурҳои пластмассӣ, заводи коркард ва бастубанди меваи хушк ва ғайра;

2. МОИ «Панҷ» [5] 401,6 гектар ҳудуд дошта, як бахш бо масоҳати 186 гектар аз тиҷорат, воридот, содирот, молия ва инноватсия ва дуюмӣ бо масоҳати 215,6 гектар ба бахши саноат тааллуқ дорад. МОИ «Панҷ» дорои захираҳои бузурги ашёи хом, аз қабили реги квартсӣ ва пахтаи хом мебошад, ки онҳоро аз чаҳор минтақаи калоне, ки дар радиуси 50 километр аз МОИ ҷойгиранд, таъмин менамоянд. Дар ин ҷо зерсохтор, назорати гумрукӣ, обтаъминкунӣ ва нерӯи барқ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар айни замон бо ширкатҳои Корея оид ба истеҳсоли дандоншӯякҳо ва фабрикаҳои пойафзолӣ шартнома баста шудааст;

3. МОИ «Ишкошим» [6] аз соли 2011 вуҷуд дошта, ҳудуди 200 гектарро ташкил медиҳад. Ин минтақа дар шимол бо Қирғизистон, дар шарқ бо Чин ва дар ҷанубу ғарб бо Афғонистон ҳамсарҳад аст. Таблиғ ва фурӯши захираҳои табиию рекреатсионӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои хизматрасонии сайёҳӣ вуруди сайёҳони хориҷиро ба Тоҷикистон таъмин хоҳад кард. Мавҷудияти дарёҳои сершумори кӯҳӣ ва захираҳои бойи об дар минтақа асоси рушди гидроэнергетика, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва рушди нерӯгоҳи хурд мебошад;

4. МОИ «Суғд» [7] соли 2009 таъсис ёфтааст ва дар қисмати ҷанубу ғарбии саноатии шаҳри Хуҷанд ҷойгир аст. Майдони умумии он 320 гектар аст. Субъектҳои дар МОИ фаъолияткунанда ба истеҳсоли кабелҳои барқӣ, қубурҳои полимерӣ, профилҳои алюминий, масолеҳи сохтмонӣ ва рангу лак, зарфҳои пластикӣ, васл ва насби коллекторҳои офтобӣ ва насосҳои об, инчунин металл машғуланд. Корхонаҳои истеҳсолкунандаи лампаҳои каммасраф, мебел ва дигар чизҳо ба кор андохта мешаванд. МОИ «Суғд» як майдони фоидаовар барои корхонаҳое мебошад, ки барои содирот кор мекунанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмуавии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилоти ҷумҳуриявӣ, густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил шудаанд.

Чаҳор минтақаҳои озоде, ки мо қаблан номбар намудем, тавассути як қатор санади меъёрӣ-ҳуқуқии қабулшуда танзим ва назорат карда мешаванд:

***Расми 1. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***




***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф бо истифода аз маводи сомонаи мазкур* [https://mmk.tj/](https://mmk.tj/) *(санаи муроҷиат 20.02.2024)*

Ғайр аз санадҳои соҳавӣ инчунин асноди умумидавлатӣ низ амал мекунанд, ки бевосита фаъолияти МОИ-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд. Масалан, дар Барномаи

давлатии миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 вобаста ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ чунин қисматҳои сохта ба истифода додани корхонаҳои истеҳсолӣ омадааст:

- ташкили технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, технополисҳо, минтақаҳои индустриалӣ ва баланд бардоштани ҷолибияту самаранокии МОИ;
- рушди минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат;
- ташкили бонки рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси фондҳои азнавмаблағгузорӣ;
- сохтмони зиёда аз 50 км хатсайрҳои роҳи оҳан, ки аз МОИ «Суғд», «Панҷ», Huaxin Ghayur Cement, Mohir Cement ва дигар корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ мегузаранд;
- ташкили сохторҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ барои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосир дар асоси ҳамкориҳои байниҳамдигари МОИ, минтақаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- ташкили шароити мусоид барои сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бахри ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ дар МОИ;
- ташкили фаъолияти ҶДММ «ТК Ойл» дар ҳудуди МОИ «Данғара» бо иқтидори коркарди 500 ҳазор тонна нефт дар як сол;
- ба кор шуруъ намудани фаъолияти ҶДММ «ТК Ойл» дар ҳудуди МОИ «Данғара» бо иқтидори коркарди 500 ҳазор тонна нефт дар як сол[8].

Ин ва дигар намуди корҳои иҷрошаванда дар Барномаи давлатии миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба нақша гирифта шудаанд, ки ҳатман бояд иҷро шаванд. Мақсади таҳияи барномаи мазкур аз расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мебошад.

Агар асоси институтсионалии минтақаи мушаххасро таҳлил намоем, он ба ғайр аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии умумимиллии иқтисодӣ, инчунин қонунгузориҳои алоҳида низ дорад. Масалан, МОИ «Суғд» аз рӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин фаъолият мебарад:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”;
– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”;
– Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”;
– Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 49 - “Асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 01.01.2013;
– Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Тартиби ҳисоб ва мӯҳлати пардохти андозҳо ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 08.02.2013, № 6;
– Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби “Минтақаи озоди гумрукӣ”[9].

Ҳамчунин, ба ғайр аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номбаршуда талаботи дохилии МОИ «Суғд» низ амал мекунад.

Боиси қайд аст, ки минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат аз рӯи барномаи махсуси андоз амал мекунанд. Дар ҳама минтақаҳои озоди иқтисодӣ андоз аз даромад, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, ААИ, андоз аз фурӯши пахта ва алюминийи аввалия, андоз аз захираҳои табиӣ, аксизҳо, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва амволи ғайриманқул, боҷҳои гумрукӣ барои содироти маҳсулоти дар МОИ истеҳсолшуда ба сифр баробар аст. Аз ҳама намуди андози пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои МОИ «Суғд» танҳо дутоашро месупоранд - андози иҷтимоӣ (25%) аз ҳисоби Фонди музди меҳнат пардохт мешавад ва андоз аз даромад (8 то 13%) аз музди меҳнати корманд нигоҳ дошта мешавад. Кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва афзалиятҳои сармоягузор, ҳуқуқҳои баробари сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорон, кафолати дахолат накардани давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқи интиқоли даромад ба хориҷа, ҳифзи моликият ва иттилоот, ҳифзи моликияти зеҳнӣ таъсир мерасонад.

Барои гирифтани мақоми субъекти МОИ бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод гардад:

1. Дар мақомоти андоз ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифтан;
2. Таҳияи нақшаи бизнес ва омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ;
3. Лоиҳаи сармоягузориро дар Комиссияи назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳимоя намудан;
4. Бо маъмурияти МОИ шартнома бастан;
5. Гирифтани Шаҳодатнома [10].

Арзиши сертификат барои ҳама гуна намуди фаъолият, новобаста аз ҳаҷми истеҳсол ва гардиши онҳо дар як вақт 5000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, МОИ «Суғд» бояд мунтазам муҳаррики асосии сиёсати буҷетӣ, сармоягузорӣ, андозӣ ва гумрукии мамлакат бошад. Аз ин нуктаи назар, худи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар алоҳидагӣ иқтидори универсалӣ будан, муаммоҳои объективиро ҳал намуданро надоранд. Дар ҳолати муттаҳидона фаъолият набурдани сохторҳои давлатӣ бо минтақаҳои озоди иқтисодӣ расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат душвор гардида, ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ душвортар мегардад.

Ба андешаи мо, ташкил намудани низоми имтиёзии маъмурӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, фискалӣ, молиявӣ, маъмурӣ ва амсоли онҳо, барои амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ ва соҳибкории беруна дар ҳудуди МОИ на танҳо фишанги пуриқтидор мегардад, балки ба рушди саноатии минтақаи ҷойгиршудаи МОИ ва такмили соҳаҳои ба ҳам наздики саноатӣ мусоидат менамояд. Дар раванди ташаккули асосҳои институтсионалии МОИ диверсификатсияи тиҷоратию саноатӣ ба миён омада, он дар навбати худ ба рушди маҷмуавии иқтисоди миллӣ оварда мерасонад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Лайченкова, Н.Н. Особые экономические зоны: мировой опыт и российские реалии/Н.Н.Лайченкова//“Налоговая политика и практика”. - 2006. - № 6 (24). – С. 36 – 39.
2. https://www.carecprogram.org/uploads/Kyoto-Convention-Ch6-Customs-Control-ru.pdf - Киотская Конвенция. Руководство к Генеральному Приложению. Глава 6. Таможенный контроль. - 49 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз 02.01.2019, № 1581.
4. http://fezdangara.tj/ - сомонаи расмии МОИ «Данғара» (санаи муроҷиат 21.02.2024)
5. http://fezpanj.tj/ru/ - сомонаи расмии МОИ «Панҷ» (санаи муроҷиат 21.02.2024)
6. https://tpp.tj/business-guide2017/rus/svobodnie_economicheskie_zony_ses_ishkashim_rus.html (санаи муроҷиат 21.02.2024)
7. http://fezsughd.tj/# - сомонаи расмии МОИ Сугд (санаи муроҷиат 21.02.2024)
8. Барномаи давлатии миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. - С. 61.
9. http://fezsughd.tj/tj/asoshoi-huquqi/ - маълумотҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии МОИ «Суғд» (санаи муроҷиат 21.02.2024)
10. http://fezsughd.tj/# - сомонаи расмии МОИ Сугд (санаи муроҷиат 21.02.2024)

## REFERENCES:

1. Laichenkova, N.N. Special economic zones: world experience and Russian reality / N.N. Laichenkova // "Tax policy and practice". - 2006. - № 6 (24). P. 36-39.
2. https://www.carecprogram.org/uploads/Kyoto-Convention-Ch6-Customs-Control-ru.pdf - Kyoto Convention. Rukovodstva k Generalnomu Prilozheniyu. Chapter 6. Customs control. 49 p.
3. Law of the Republic of Tajikistan "On Free Economic Zones of 02.01.2019, № 1581.
4. http://fezdangara.tj/ - the official website of the SEZ "Dangara" (date of application 21.02.2024)
5. http://fezpanj.tj/ru/ - the official website of the SEZ "Panj" (date of application 21.02.2024)
6. 6.https://tpp.tj/businessguide2017/rus/svobodnie_economicheskie_zony_ses_ishkashim_rus.html (date of application 21.02.2024)
7. http://fezsughd.tj/№ - the official website of Sughd Region (date of application 21.02.2024)
8. Medium-term State Development Program of the Republic of Tajikistan for 2021-2025. - P. 61.
9. http://fezsughd.tj/tj/asoshoi-huquqi/ - information on regulatory and legal acts of the SEZ "Sughd" (date of application 21.02.2024)
10. http://fezsughd.tj/# - the official website of Sughd Region (date of application 21.02.2024)